«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ доктори илмҳои таърих, профессор

______________________

Ибодуллозода А.И.
«_29_» августи соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Замони Истиқлол барои таҷдиди арзишҳои миллӣ ва махсусан, посдории асолати забони миллӣ имкониятҳои бесобиқаеро фароҳам овард, ки дар заминаи он илми забоншиносии тоҷик ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гардид. Бахусус, дар ин давра вижагиҳои гуногуни лексикаи забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқон таҳқиқу омӯзиши амиқ шуда истодааст, ки пажуҳиши хусусиятҳои лексикию семантикӣ ва сохтории истилоҳоти тиббии забони матбуоти муосири тоҷик яке аз самтҳои назаррас ва муҳим ба шумор меравад.

Воқеан, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои муҳимми истилоҳоти тиббии забони васоити ахбори омма яке аз ҷанбаҳои арзишманд маҳсуб шуда, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои муҳим ба пажуҳиши ин истилоҳот пайваста сайъу кӯшиш намоянд, зеро баррасии хусусиятҳои забони васоити ахбори омма дар айни замон инъикоскунандаи ҳолати забони адабии тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Дар ин раванд дар забоншиносии муосири тоҷик низ таҳлилу баррасӣ намудани мавзуъҳои мубрам, яке аз вазифаҳои асосии олимону муҳаққиқон ба шумор меравад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки таҳлил ва таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дар заминаи васоити

ахбори омма дар забоншиносии тоҷик аз ҳар ҷиҳат аҳаммиятнок аст, чунки омӯзиши дақиқи истилоҳоти тиббӣ метавонад ба масоили баҳсноки истилоҳсозию истилоҳнигорӣ ва таҳаввулоти сохториву маъноӣ ва дастурии забони адабӣ равшанӣ андозад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Натиҷаҳои таҳқиқ бо он эътимоднок ба шумор меравaнд, ки дар асоси назарияи мавҷудаи марбут ба истилоҳшиносӣ маводи забонии мансуб ба тибро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Такя ба осори илмии донишмандони сершумори ватанию хориҷӣ ва мубодилаи афкори назарӣ бо онҳо эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро мустаҳкамтар мегардонад. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масоили бобу фаслҳои рисола буда, асос ва ҷанбаи устувори илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии илмии диссертатсия дар он дида мешавад, ки бори аввал ба шакли рисолаи илмӣ истилоҳоти тиббии забони васоити ахбори омма аз лиҳози луғавию маъноӣ ва сохторӣ таҳлилу баррасии амиқ шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** бар он асос меёбад, ки таснифу таҳқиқи вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохтории истилоҳоти тиббӣ дорои аҳаммияти муайяни назарӣ мебошад. Таҳлили муқоисавии истилоҳоти тиббӣ барои муайян намудани роҳу воситаҳои самараноки интихоб ва сохтани истилоҳоти илмӣ мусоидат менамояд. Ҷиҳати дигари назарии таҳқиқи анҷомшудаи мазкур барои муайян кардани роҳҳои иқтибоси калимаҳо аз забонҳои дигар, мавқеи унсурҳои бегона дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ёрӣ мерасонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки маводи назарии рисолаи илмии мавриди тақриз дар навиштани корҳои марбут ба вожагон, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонад кумак намояд. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия истифодашуда, барои дарсҳои амалӣ аз фанҳои истилоҳшиносӣ, назария ва амалияи вожашиносӣ, луғатнигорӣ мувофиқ мебошад.

Хулосаҳои илмии таҳқиқ барои сохтан ва интихоби дурусти истилоҳ имконият медиҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Шодиматова Малика аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, дар асоси назарияи мавҷудаи марбут ба вожаю истилоҳоти тиббӣ таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ ба осори илмии донишмандони ватанию хориҷӣ такя намуда, натиҷагирӣ кардаст, ки

ин эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро собит мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Масъалагузории мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Таҳлилу таҷзия, баҳс ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсия ҳам саҳми шахсии диссертант мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Шодиматова Малика ва хулосаю натиҷагириҳои ӯ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, аз ин теъдод 3 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ба он собит мегардад, ки маълумоти пешниҳодшуда дақиқ буда, маводи таҳлилшуда ба кори илмӣ муносиб аст. Ҳаҷми интишорот, истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқ ва хулосаҳои мантиқӣ эътимоднокии корро меафзояд. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 16 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 191 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби якуми** диссертатсия **«Таснифоти луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»** унвон дошта, дар он истилоҳоти тиббӣ, аз қабили истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ, истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои ташхису табобат, истилоҳоти ифодакунандаи аломатҳои клиникӣ ва пешгирии бемориҳо, истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои доруворӣ, номи асбобу таҷҳизоти тиббӣ, номгӯйи истилоҳоти фармасевтӣ ва номгӯйи муассисаҳои тиббию табобатӣ дар ҳашт фасл таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки диссертант дар такя ба фарҳангу луғатномаҳо истилоҳоти тиббиро шарҳу тавзеҳ дода, дар баробари дараҷаи истифодаи онҳо дар забони матбуот, инчунин баъзан корбурди чунин истилоҳотро дар осори шоирону адибон низ ҷустуҷӯ намудааст. Дар боби мазкур истилоҳоти соҳаи тиб аз нигоҳи баромад, муодилу тарҷума ва дараҷаи корбурд дар

матбуот, марҳилаи ворид шудани баъзе истилоҳот ба матбуот таҳлилу баррасӣ шудаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ»** ном дошта, аз ду фасл иборат буда, фасли дуюм дар навбати худ боз ба се зерфасл тақсим гардидааст.

Фасли **якуми** ин боб **«Истилоҳоти тиббии аслӣ (тоҷикӣ)»** номгузорӣ шуда, муаллиф истилоҳоти тиббиро ба гурӯҳҳои номи бемориҳо, аломатҳои беморӣ ва ҳолатҳои ғайритабиии инсон, воситаҳои пешгирӣ ва табобати бемориҳо ва истилоҳоти дорушиносӣ ҷудо намуда, мавқеи истифода ва баъзе хусусиятҳои онҳоро, ки имрӯз дар забони матбуот мавриди истифода қарор доранд, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фасли **дуюми** боби мазкур, ки **«Истилоҳоти иқтибосӣ»** унвон дошта, дар зерфаслҳои он истилоҳоти тиббии иқтибосии арабӣ дар забони матбуот, истилоҳоти иқтибосии русию аврупоӣ ва истилоҳоти иқтибосии туркӣ-узбекӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Довталаби дараҷаи илмӣ мавқеи истилоҳоти итибосии русию аврупоиро дар истилоҳсозӣ бо забони тоҷикӣ чунин зикр намудааст: «Калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ дар натиҷаи робитаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии миёни миллатҳои тоҷик ва русу аврупоӣ ба таркиби луғавии забон ворид гардидаанд ва аксар вақт барои ифодаи мафҳумҳо истилоҳи тайёр ба ҳисоб мераванд» (Диссертатсия с.125).

**Боби сеюми** диссертатсия **«Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»** ном дошта, шаш фаслро дар бар гирифтааст.

Дар **фасли якуми** боби мазкур таҳлили сохтории истилоҳоти тиббии содаи забони матбуот, аз қабили *бемор, пизишк, даво, дору,дармон, ҳаб, озах, вараҷа, таб, ҳарорат, парҳез, табиб, духтур, зуком, сил, марҳам, таҳлил, муоина, набз* баррасӣ гардидаанд.

Фасли **дуюми** ин боб истилоҳоти тиббии сохтаро дар бар гирифта, тавассути пешванд ва пасвандҳо сохта шудан ва мавқеи назаррас доштани онҳо дар сохтани истилоҳоти тиббӣ таъкид кардидааст.

Дар фасли **сеюм** боби мазкур корбурди истилоҳоти тиббии мураккаб дар забони матбуот мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ истилоҳоти мураккабро ба ду гурӯҳ тақсим карддаст:

1. Истилоҳоти мураккабе, ки тавассути пайвастшавии ду калима сохта шудаанд;
2. Истилоҳоти мураккаб бо лексемаи калимасоз.

Барои тақвияти андеша муҳаққиқ истилоҳоти зеринро овардааст: сироятшинос, вирусшинос (вирусолог), силшинос (фтизиатр), кӯдакпизишк

(педиатр), ғизошинос, сӯзандору, ҳароратсанҷ, фишорсанҷ, заррабин, қандсанҷ, таскинбахш, оромбахш, таҳкимбахш ( Диссертатсия, саҳ.150-151).

Фасли **чоруми боби сеюм** фарогири ибора-истилоҳот дар забони матбуот мебошад. Диссертант зикр менамояд, ки бо ёрии бандаки изофӣ сохтани ибора-истилоҳот маъмул мебошад, ки мисолҳои зер далели ин гуфтаҳоянд: шираи меъда, илтиҳоби шуш, варами пойҳо, ташхиси пурра, кӯдаки норасид, доруи манфиатбахш ( Диссертатсия, саҳ.154-155).

Дар фасли **панҷуми боби сеюм** ихтисораҳои тиббӣ, ки дар матбуоти даврӣ корбаст доранд, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ихтисораҳо дар услуби илмӣ ба таври фаровон истифода мешаванд, зеро илм хусусияти байналмилалӣ дошта, ихтисораҳо барои кутоҳ ва мушаххас баён кардани мақсад мусоидат менамоянд. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки «Ихтисораҳои тиббӣ номҳои беморӣ, номи муассисаҳои тиббӣ, навъҳои ташхису табобатро ифода карда, асосан дар услуби илмӣ бо мақсади кутоҳбаёнӣ истифода мешаванд ва онҳо дар аксар ҳолат хусусияти байналмилалӣ дошта, ба тамоми кормандони соҳаи тиб фаҳмо мебошад» ( Диссертатсия, саҳ.156).

Дар фасли **шашуми** боби сеюми диссертатсия доир ба баъзе нуқсонҳои забони матбуот зимни корбурди истилоҳоти тиббӣ сухан меравад. Муҳаққиқ назари худро чунин баён кардааст, ки ҷолиб мебошад: «Дар баробари ҳамаи ин дастовардҳо ҳангоми таҳия ва нашри маводи тиббӣ дар забони матбуоти муосири тоҷикӣ баъзе падидаҳои номатлуб низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба коҳишёбии ҳусну қубҳи маводи пешкашшаванда сабаб мешаванд. Ба чунин ҳолатҳо истифодаи калимаҳои лаҳҷавӣ ё дағал ба ҷойи истилоҳоти тиббии таркиби луғавии забон, тарҷумаи саҳлангоронаи истилоҳоти тиббӣ, инчунин ғалатҳои зиёди техникӣ мисол шуда метавонанд. Албатта, чунин мисолҳо чандон зиёд набошанд ҳам, онҳо хилофи меъёрҳои забони адабӣ буда, сифати маводи тиббиро паст мегардонад» ( Диссертатсия, саҳ.160).

Дар қисмати **хулоса** мазмуну муҳтавои бобҳои дохили диссертатсия ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар 11 банд ҷамъбаст гардидааст.

Дар анҷоми диссертатсия рӯйхати адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмӣ ва манбаъҳои истифодашуда оварда шуда, рӯйхати адабиёт дар асоси меъёрҳо ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Муҳаққиқ аз методҳои маъмули забоншиносӣ самаранок истифода бурда, асарҳои назарии муҳаққиқони маъруфро ба таври бояду шояд омӯхтааст ва дар мавридҳои муайян ба онҳо нуктасанҷона такя кардааст. Рӯйхати адабиёт 266 номгӯйи сарчашма ва адабиёти илмиро фаро

гирифтааст. Хулосабарориҳо ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия бо андеша ва маълумоти боэътимод асоснок шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна мутобиқ ба меъёрҳои нави илмӣ таҳия шудааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талабот ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст. Сохтори ягона ва низоми мантиқии диссертатсия гувоҳ аст, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Ба хусус, мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ ва истифода аз равишҳои илмӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро инъикос менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар илми истилоҳшиносии тоҷик дар заминаи матбуоти даврӣ баррасӣ намудани истилоҳот иқдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи вазифаҳои гузоштаишуда бароад. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас умумият, фарқият ва тарҷумаи истилоҳот ва истилоҳгузиниро нишон додааст, ки ин боиси дастгирист.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назаррас, баъзе камбудию норасоиҳо ба назар расид. Ба андешаи мо, ба эътибор гирифтани онҳо барои боз ҳам боло бурдани сифати илмии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Маълум аст, ки диссертатсия дар асоси маводи рӯзномаю маҷаллаҳо таҳқиқ гардидааст. Аммо дар саҳ. 15 диссертант зикр менамояд, ки «Маводи таҳқикро фарҳангу луғатҳои якзабона, дузабона, луғатҳои соҳавӣ ташкил медиҳанд».

2. Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар бандҳои алоҳида оварда мешуд, беҳтар буд (с. 18).

3. Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ» номгузорӣ шуда, дар зерфаслҳои он ягон истилоҳи тиббӣ аз нигоҳи решашиносӣ таҳлил нагардидааст (с. 102-136). Дар зербоби 2.1. Истилоҳоти тиббии аслӣ (тоҷикӣ) *дилбеҳузурӣ, беҳолӣ, афсурдаҳолӣ* (с. 102) ҳамчун номи беморӣ ва аломати беморӣ оварда шудаанд, дар ҳоле ки як ҷузъи онҳо калимаҳои аслан тоҷикӣ нестанд ва доир ба таркибёбии онҳо ҳадди ақал ягон тавзеҳ низ зикр нагардидааст.

4. Дар саҳ. 143-и диссертатсия дар қатори бо пасванди -ӣ сохта шудани истилоҳотӣ тиббӣ калимаҳои *умумӣ, нармӣ, гармӣ, сатҳӣ, сафедӣ сурхӣ, зардӣ, санҷишӣ, рухсатӣ, муваққатӣ* ҳамчун истилоҳ шарҳ оварда шудаанд, вале онҳо истилоҳи тиббӣ буда наметавонанд. Дар саҳ. 148 низ ин ҳолат такрор меёбад.

5. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 7, 13, 29, 62, 105, 1143) ва услубию китобатӣ (с.12, 16, 112, 114, 138) ба назар мерасанд. Ҳамин гуна ғалатҳо дар саҳифаҳои гуногуни фишурдаи диссертатсия низ дида мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, мазмуну муҳтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд, фақат дар сурати ислоҳи онҳо арзиши кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

**Хулоса**, диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Холназаров Руҳулло Муҳаммадович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1, аз 28-уми августи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар; «зид» - нест; «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
мудири кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Холназаров Руҳулло Муҳаммадович

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси филология,
дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

Имзоҳои Иброимова Г. Н., Холназаров Р. М. ва Юсупов Ш.Р.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj. Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
«28» августи соли 2025